Дар моҳҳои январ- декабри соли 2024 ҳаҷми гардиши савдои яклухт, чакана ва таъмири автомобилҳо 65783,8 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 13,6 фоиз ё ба маблағи 9659,4 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

**Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ,** ки дар моҳҳои январ -декабри соли 2024 ҳаҷми хизматрасонии пулакие, ки дар ҳамаи соҳаҳои хизматгузор расонидаанд, 25722,9 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 13,0 фоиз зиёд мебошад (индекси нарх 104,6 фоизро ташкил додааст).

Аз аввали соли 2024 **индекси нархҳои истеъмолӣ** 103,6 фоиз, аз он ҷумла ба молҳои озуқаворӣ – 103,0 фоиз, ба молҳои ғайриозуқаворӣ – 104,0 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 104,8 фоизро ташкил кард.

Аз аввали соли 2024 нархи маҳсулоти озуқаворӣ умуман 3,0 фоиз қимат шудааст, ки асосан аз ҳисоби боловравии нархи маҳсулоти гӯштӣ – 16,6 фоиз (гӯшти гов – 28,5 фоиз, гӯшти гӯсфанд – 19,9 фоиз ва гӯшти моҳӣ – 2,8 фоиз); равған ва чарбу – 15,8 фоиз (равғани офтобпараст – 11,5 фоиз ва равғани пахта – 10,7 фоиз); нӯшокиҳои спиртдор – 10,4 фоиз, шир ва маҳсулоти ширӣ – 9,7 фоиз ва маснуоти тамоку – 5,8 фоиз ба амал омадааст.

Зимнан, нархи маҳсулоти нону бӯлка ва ярмаҳо – 1,2 фоиз, нӯшокиҳои беспирт – 3,5 фоиз, шакар – 9,5 фоиз ва мевагиҳо – 9,7 фоиз арзон шудааст.

Аз аввали соли 2024 индекси нархи молҳои ғайриозуқа дар моҳи декабри соли 2024-ум 0,1 фоиз қимат шудааст, ки асосан аз ҳисоби боловравии нархи либос ва пойафзол– 0,7 фоизӣ, мебел ва ашёи рӯзгор – 0,3 фоиз ва равғани муҳаррик – 0,5 фоиз ба қайд гирифта шудааст. Зимнан, нархи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ – 2,9 фоиз (аз ҳисоби гази моеъ – 6,2 фоиз, бензин – 1,0 фоиз ва сӯзишвории дизелӣ (солярка) – 0,8 фоиз) ва маводҳои шустушӯӣ – 0,7 фоиз арзон шудааст.

Аз аввали соли 2024 арзиши таърифаи хизматрасонии пулакие, ки ба аҳолӣ расонида мешавад умуман – 4,8 фоиз афзоиш ёфтааст, ки асосан аз ҳисоби хизматрасониҳои коммуналӣ – 8,3 фоиз, хизматрасониҳои маишӣ – 7,0 фоиз, хизматрасониҳои тандурустӣ – 5,2 фоиз (хизматрасониҳои амбулаторӣ – 3,7 фоиз) меҳмонхона ва тарабхонаҳо – 9,8 фоиз ва дигар хизматрасониҳои хусусӣ – 16,4 фоиз ба амал омадааст.

Шумораи қувваҳои корӣ (аҳолии машғули кор ва бекорони расмӣ ба қайд гирифташуда) аз рӯи баҳои пешакӣ дар моҳи декабри соли 2024-ум 2699,7 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз ҷумлаи онҳо 2648,3 ҳазор нафар (98,1 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 51,4 ҳазор нафар расмӣ мақоми бекорро гирифтаанд, ки 1,9 фоизи шумораи қувваҳои кориро ташкил медиҳанд.

Шумораи бекорони дар Агентиҳои меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон расмӣ ба қайд гирифташуда дар охири моҳи декабри соли 2024-ум 51,4 ҳазор нафарро ташкил карда, нисбат ба моҳи декабри соли 2023-юм 6,3 фоиз зиёд шудааст. Аз ҷумлаи бекорони бақайд гирифташуда занон 45,9 фоиз (23,6 ҳазор нафар). Сатҳи бекории расмӣ ба қайд гирифташуда нисбат ба шумораи қувваҳои корӣ 1,9 фоизро ташкил кардааст.

Музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии меҳнат, ки ба кормандони кироякор пардохта шудааст, дар моҳи декабри соли 2024-ум 2959,91 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба моҳи ноябри соли 2024–ум 12,6 фоиз ва нисбат ба моҳи декабри соли 2023-юм 24,3 фоиз зиёд шудааст.

Музди ҳадди ақал 800 сомониро ташкил медиҳад.

Дараҷаи музди ҳақиқии меҳнат (бо назардошти тағйироти индекси нархҳо) дар моҳи декабри соли 2024 нисбат ба моҳи ноябри соли 2024-ум 12,4 фоиз ва нисбат ба моҳи декабри соли 2023-юм 20,0 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ- декабри соли 2024 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 121 мамлакат, аз он ҷумла бо 10 мамлакатҳои ИДМ ва бо 111 мамлакати хориҷи дур муносибати савдои хориҷиро анҷом додааст.

**Содироти** мол дар моҳҳои январ- декабри соли 2024 –ум 1947,4 млн. долларро ташкил кард, ки нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2023-юм 20,5 фоиз ё 501,4 млн. доллар кам шудааст.

**Воридоти** мол ба ҷумҳурӣ 7007,6 млн. долларро ташкил кардааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2023-юм 19,2 фоиз ё 1127,5 млн. доллар зиёд шудааст.

Оид ба **содирот шарикони асосӣ** инҳоянд:Чин – 21,1 фоиз, аз ҳаҷми умумии содирот, Швейтсария – 19,4 фоиз Қазоқистон – 10,1 фоиз, Туркия – 12,3 фоиз, Ӯзбекистон – 9,1 фоиз, Эрон – 5,9 фоиз, Федератсияи Русия – 4,9 фоиз, Афғонистон – 5,0 фоиз, АМА – 1,3 фоиз ва ғайраҳо.

**Воридоти мол асосан** аз мамлакатҳои зерин амалӣ шудааст: Федератсияи Русия – 26,9 фоиз аз ҳаҷми умумии воридот, Чин – 22,1 фоиз, Қазоқистон – 15,6 фоиз, Узбекистон – 5,9 фоиз, Швейтсария – 5,0 фоиз, Эрон – 3,8 фоиз, Туркия – 3,0 фоиз, Беларус – 2,4 фоиз, Ҷумҳурии Корея– 2,1 фоиз, ИМА – 1,9 фоиз, Олмон – 1,4 фоиз, Ҷопон – 1,3 фоиз, Ҳиндустон ва АМА 1,0 фоизӣ ва ғайраҳо.

Дар амалиёти савдои хориҷӣ афзоиши бештари содирот нисбат ба воридот бо Швейтсария (29,4 млн. доллар) ва Афғонистон (91,1 млн. доллар) мушоҳида шудааст.


**Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**734025, Тоҷикистон, Душанбе, Бохтар, 17 E-mail:**
**stat@tojikiston.com**
**http://www.stat.tj, тел: (992 37) 223-02-45, факс: (992 37) 221-43-75**


TAJSTAT

# ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МОҲҲОИ ЯНВАР- ДЕКАБРИ СОЛИ 2024

**2024**



**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

## ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Саноат.** Дар моҳҳои январ – декабри соли 2024 корхонаҳои саноатӣ якҷо бо соҳибкорони хусусӣ ба маблағи 53819,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2023-юм (бо нархҳои муқоисавӣ) 20,0 фоиз афзудааст.

Омили асосии рушди суръати соҳаи саноат асосан аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷ – 43,0 фоиз, саноати коркард – 7,6 фоиз, таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво – 5,7 фоиз, таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва маҳсулоти дуюмдарача – 34,9 фоиз ба амал омадааст.

Дар **саноати истихроҷи** маъдан дар моҳҳои январ – декабри соли 2024 ба маблағи 13363,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2023-юм бо нархҳои муқоисавӣ 43,0 фоиз зиёд шудааст.

Афзоиши суръати рушди саноати истихроҷи маъдан аз рӯи намудҳои маҳсулотҳои истеҳсолӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби истихроҷи ангиштисанг ва бур – 20,0 фоиз, маъданҳои филизӣ – 1,5 баробар фоиз, ҳаргуна канданиҳои фоиданок – 20,9 фоиз мушоҳида мегардад.

Ҳаҷми истеҳсолот дар **саноати коркард** дар моҳҳои январ – декабри соли 2024–ум 30275,6 млн. сомонӣ, аз он маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку 11445,7 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 4062,5 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулот аз чӯб ва коғаз, фаъолияти табъу нашр 856,5 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ 81,6 млн. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ 566,7 млн. сомонӣ, ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ 4021,3 млн. сомонӣ, истеҳсолоти металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ 8090,7 млн. сомониро ташкил дод. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ умуман дар соҳаи коркард 7,6 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ– декабри соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку 10,0 фоиз зиёд шуд, ки он аз ҳисоби истеҳсоли макарон – 12,0 фоиз, маҳсулоти қаннодӣ – 1,6 бар, нӯшокиҳои беспиртӣ – 20,1 фоиз ба вуҷуд омадааст.

Дар истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 7,0 фоиз кам шудааст, ки асосан аз ҳисоби камшавии истеҳсоли нахи пахта 16,2 фоиз, қолинҳо – 7,1 фоиз, ресмони пахтагин (калоба) – 9,7 фоиз мушоҳида мегардад.

**Ҳаҷми истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва тозакунии ҳаво** дар моҳҳои январ – декабри соли 2024-ум 9872,2 млн. сомониро ташкил кард, рушди истеҳсолот аз рӯи намуди фаъолияти мазкур ба 105,7 фоиз баробар шуд.

**Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ** дар моҳҳои январ – - декабри соли 2024 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 73976,6 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023 -юм бо нархҳои муқоисавӣ 10,6 фоиз зиёд мебошад, аз он ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 50984,8 млн. сомонӣ ё ки 13,4 фоиз ва чорвопарварӣ 22991,8 млн. сомонӣ ё 4,8 фоиз зиёд аст.

Дар моҳҳои январ – декабри соли 2024 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ 1828318 тонна ғалладонагиҳо (гандум 880734 тонна), 253182 тонна пахта, 1263948 тонна картошка, 3289179 тонна сабзавот (пиёз 836911 тонна), 1144806 тонна полизӣ, 823048 тонна мевагиҳо (277717 тонна себ ва 313052 тонна зардолу), ангур 289931 тонна ва хӯроки чорво ба ҳисоби воҳиди хӯрока 1875754 тонна истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм, ғалладонагиҳо 4,2 фоиз ( гандум 2,4 фоиз), 10,4 фоиз картошка, 8,7 фоиз сабзавот, 13,4 фоиз полизӣ, 23,9 фоиз мевагиҳо (себ 22,3 фоиз ва зардолу 30,5 фоиз), ангур 1,5 баробар ва хӯроки чорво 2,0 фоиз зиёд шуда, истеҳсоли пахта 26,5 фоиз кам гардидааст.

То 1 январи соли 2025 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо саршумори чорвои калони шохдор 2789,2 ҳазор сарро ташкил кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 127,2 ҳазор сар ё 4,8 фоиз зиёд аст. Дар ҳамин давра саршумори гӯсфанду буз 7150,3 ҳазор сарро ташкил дода, 490,1 ҳазор сар ё 7,4 фоиз афзуд.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли гӯшти чорвои калон ва майда (дар вазни зинда) дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 368577 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 5,0 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли шир дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2024 - ум 1177381 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 -юм 5,3 фоиз зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2024 ба миқдори 1265564 ҳазор дона тухм истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 3,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ истеҳсоли гӯшти паранда дар ҳамаи категорияи хоҷагидор ба 47381 тонна расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,7 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли пашм 9094,5 тоннаро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 -юм 3,9 фоиз зиёд аст.

Ҳаҷми истеҳсоли пилла 361,5 тоннаро ташкил намуд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,6 баробар зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли асал дар моҳҳои январ – декабри соли 2024 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 4882,8 тоннаро ташкил намуд, ки дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,0 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми маҳсулоти моҳипарварӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2024-ум 137,2 млн. сомониро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,3 фоиз зиёд аст.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2024 дар хоҷагиҳои моҳипарварии ҷумҳурӣ сайди моҳӣ 5460,7 тоннаро ташкил намуд.

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2024 **сармоягузории сармояи асосӣ** аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 22543,0 млн. сомонӣ истифода карда шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2023-юм 108,4 фоизро (бо нархҳои муқоисавӣ) ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2024 ба масоҳати умумӣ 1739,6 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 100,1% фоизро ташкил медиҳад.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2024 бо **ҳамаи намуди нақлиёт** 134410,6 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2023-юм 11,5 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2024 бо нақлиёти автомобилии ҳамаи вазорату идораҳо, корхонаву ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият, ки нақлиёти автомобилӣ доранд ва инчунин бо нақлиёти автомобилии шахсони воқеӣ, ки ба боркашонии тиҷоратӣ машғуланд, 127693,8 ҳазор тонна бор кашонида шуд, ки 95,0 фоизи ҳаҷми умумии боркашонии ҳамаи намудҳои нақлиётро ташкил медиҳад. Нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2023 ҳаҷми боркашонӣ 11,9 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2024 бо нақлиёти роҳи оҳан (бо назардошти молборкунӣ, молфарорӣ ва интиқоли борҳои транзитӣ) 6712,9 ҳазор тонна бор кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2023- юм 4,1 фоиз зиёд шудааст.

**Гардиши бор** бо ҳамаи намудҳои нақлиёт дар моҳҳои январ – декабри соли 2024 дар ҳаҷми 14064,0 млн. т.км ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2023-юм 16,0 фоиз зиёд шудааст.

Бо ҳамаи намудҳои нақлиёти мусофиркашонӣ дар моҳҳои январ – декабри соли 2024-ум 1020026,3 ҳаз. нафар мусофир кашонида шудааст, ки нисбат ба моҳҳои январ - декабри соли 2023-юм 13,4 фоиз зиёд аст. Мусофиркашонӣ бо нақлиёти хушкигард дар ҷумҳурӣ ҷои асосиро ишғол менамояд, ки таносуби он 99,9 фоизи ҳаҷми умумии мусофиркашонии ҳамаи намудҳои нақлиётро ташкил медиҳад.

**Гардиши мусофирон** бо ҳамаи намудҳои нақлиёт дар моҳҳои январ - декабри соли 2024-ум 13520,7 млн. мусофир км-ро ташкил кард, ки нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2023-юм 16,3 фоиз зиёд шудааст.

Дар моҳҳои январ –декабри соли 2024 ҳаҷми **гардиши савдои яклухт, чакана ва таъмири автомобилҳо** 65783,8 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 13,6 фоиз ё ба маблағи 9659,4 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Дар ҳаҷми умумии фурӯши молҳои озуқаворӣ таносуби бештар аз рӯи арзиш ба гӯшт ва маснуоти гӯштӣ (15,5 фоиз), нон ва маҳсулоти нонӣ (17,0 фоиз), қанду шакар ва маснуоти қаннодӣ (4,5 фоиз), сабзавот ва картошка (5,4 фоиз) ва равғани растанӣ (4,3 фоиз) афзалият доранд. Аз молҳои ғайриозуқаворӣ таносуби бештар ба маводҳои бинокорӣ (30,0 фоиз), маҳсулоти нафтӣ (10,4 фоиз), автомобилҳо ва қисмҳои эҳтиётӣ ба онҳо (9,6 фоиз), газвор (9,6 фоиз), асбобҳои барқӣ (4,6 фоиз) ва ғайраҳо рост меояд.